БФ «ПСП-ФОНД»

Verdens kvinder i Danmark

Norden

# Маслиҳатҳои муҳоҷирзанон ба муҳоҷирзанон

## Маслиҳатҳои муфид дар бораи ҳаёт дар Россия



Санкт-Петербург
2019

# Маслиҳатҳои муҳоҷирзанон ба муҳоҷирзанон

## Маслиҳатҳои муфид дар бораи ҳаёт дар Россия

Санкт-Петербург
2019

## Занони азизи хонанда!

Ба Россия муҳоҷир шудан кори осон нест.

Ҳар рӯз дар назди занон саволҳое пайдо мешаванд, ки ба онҳо ҷавоб ёфтан на ҳамеша осон аст. Бояд масъалаҳои муҳимро ҳал кард: гирифтани патент, ёфтани манзил ва кор, ба кӯдакистон ва мактаб супурдани фарзандон.

Аксарияти шумо дар рафти ҳалли ин масъалаҳо худ доно ва коршинос мешавед ва ба дигарон маслиҳатҳои муфид дода метавонед. Маҳз барои ҳамин мо дар ин буклет маслиҳатҳои занонро аз Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Украина ҷой додем. Бовар дорем, ки ин маслиҳатҳо ба Шумо ёрӣ мерасонанд ва рӯзе Шумо ҳам аз таҷрибаи муфидатон ба мо ҳикоя хоҳед кард.

Орзу дорем, ки дар роҳи Шумо монеъаҳо кам бошанд. Ва агар пайдо шаванд, мо – ҳамроҳ метавонем онҳоро бартараф кунем!

Комёбу муваффақ бошед!

*Бо эҳтиром,*
*Кормандони БФ «ПСП-фонд»*

# МУНДАРИЧА


Тайёрӣ ба сафари Россия ........................................ 4

Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо.......................................... 9

Манзил ........................................................ 14

Ҷустуҷӯи кор ва таъмин шудан бо кор ................. 18

Муошират бо политсия.......................................... 22

Оила ва фарзандон ................................................ 26

Гирифтани ёрии тиббӣ........................................... 30

Ёрӣ аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ ............................. 33

Муошират бо аҳолии маҳаллӣ.............................. 35

Фароғат ............................................................ 39

РВП, ВНЖ, шаҳрвандии Россия............................ 43

Гуногун............................................................. 47

# Тайёрӣ ба сафари Россия

Бе тайёрии пешакӣ ба Россия сафар кардани занон хуб нест. Агар забони русиро надонед, дар ҳар қадам ба мушкилоте дучор мешавед. Ақаллан бо онҳое, ки пештар дар Россия кору зиндагӣ кардаанд, суҳбат намуда, душвориҳои эҳтимолиро донистан ва ба онҳо омода шудан даркор аст.

Сафар тани танҳо, бе аҳли оила, бе дӯстон сахт мушкил аст. Ҳама масъаларо бояд худ ҳал кунӣ, инро фаҳмидан даркор. (*Замира*).

Муҳоҷирон дар навбати аввал бояд қоидаву қонунҳоро ёбанд, хонанд ва риоя кунанд. (*Дилноза*).

Бояд забони русиро ҳанӯз пеш аз сафар омӯхт ва инро ба ҳамсару фарзандон ҳам таъкид кард. Бе донистани забони русӣ дар ин ҷо тайёр кардани ҳуҷҷатҳо, манзил ва кор ҷустану ёфтан хеле душвор мешавад. (*Гулнора*).

Тайёрӣ ба сафар – аз ҳама муҳимтар аст. Мувофиқи имконият бояд тамоми ҳуҷҷатҳо, қоидаҳои даромадану баромадан, муҳлати истиқоматро омӯхт. Дар ин кор портали Госуслуг, омӯзиши қонунгузории муҳоҷирати Россия, гурӯҳҳои гуногун дар шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба ин масъала ёрӣ расонида метавонанд. Инчунин тавсия медиҳам, ки бо барномаҳои

давлатӣ шинос шавед, масалан, бо Барномаи давлатии оид ба мусоидат кардан ба муҳоҷирати ихтиёрии ҳамватанон ба Федератсияи Россия. Эҳтимол Шумо низ ба он шомил шуда тавонед ва он гоҳ тайёр кардани ҳуҷҷатҳо бароятон хеле осон мешавад. Аз ҳама тарсовараш он аст, ки ҳеҷ кас 100% маълумотнокиро дар ин соҳа кафолат дода наметавонад, зеро қонунҳо нозукиҳои бисёр доранд, инчунин дар ҳар субъекти ФР қоидаҳои худӣ амал мекунанд, бинобар ин беҳтар аст, ки одамони дар ин кор соҳибтаҷрибаро ёфта, бо онҳо маслиҳат кунем. (*Марина*).

Аз ҳама асосӣ – донистани забони русӣ. Ҳар қадар забони русиро беҳтар донед, ҳалли ҳама мушкил осонтар мегардад. Ҳар касе забонро нағз надонад, бо душвориҳо дучор мешавад, ба политсия фаҳмонда наметавонад, одамон бо ӯ муносибати хуб намекунанд.

Одамон худ ба худ ба ин ҷо намеоянд, аксар вақт ба воситаи шиносҳо меоянд, пешакӣ дар куҷо истоданро маслиҳат мекунанд. Ман ба назди дугонаам, ки пештар дар Ӯзбекистон бо ҳам кор мекардем, омадам. То ба пойи худ рост шудан дар хонаи ӯ зиндагӣ кардам.

Барои ба ин ҷо омадан камаш 40 ҳазор рубл барои хароҷот доштан даркор аст. Бо 30 ҳазор ҳуҷҷат тайёр мекунӣ ва ҳамзамон кор мекобӣ. (*Фотима Зарипова*).

Бояд донист, ки кадом ҳуҷҷатҳо даркор мешаванд, дар куҷо истиқомат кардан лозим, чӣ хел хонаро ба иҷора гирифт, дар куҷо кори дилхоҳ пайдо кард. Дар навбати аввал – манзил, ҳуҷҷатҳо ва кор. Ман ба ҳама мегӯям, ки бо ташкилотҳои ҷамъиятие ба мисли «ПСП-фонд», бо консулгариҳо маслиҳат кунанд. (*Севара*).

Донистани забони русӣ, қонунҳои Россия ва вазъият дар шаҳре, ки дар он кор хоҳӣ кард, барои муҳоҷир афзалияти калон аст. Ин пул ва асабҳоро сарфа мекунад. Одатан инро вақте мефаҳмӣ, ки хатоҳои бисёр содир мекунӣ. Шумо пеш аз омадан дар бораи Россия ҳарчӣ бештар донед, коратон хеле осон хоҳад шуд. (*Шаҳноза*).

Аввалин чизе, ки ба ёд мерасад, корти муҳоҷират аст. Бояд донист, ки чиро ва дар куҷо пур кард, махсусан банди мақсади сафар – «цель приезда»-ро. Эҳтимол ин барои муҳоҷирони меҳнатӣ душвор набошад. Аммо ман бо ин мушкилӣ дучор шудам. Вақте ки ман омадам, дар банди мақсади сафари корти муҳоҷират “таҳсил” навиштам, зеро ки ба ғайр аз кор мехостам ба аспирантура дохил шуда таҳсил кунам. Маълум шуд, ки барои ба кор даромадан ҳатман дар банди “мақсади муҳоҷират – кор” навиштан даркор будааст. Барои ин хатоӣ ва надонистани қонунҳо ман маҷбур шудам, ки бори дигар аз сарҳад гузашта дубора ба ФР ворид шавам ва корти муҳоҷириямро иваз намоям. (*Марина Г.*).

Се чизи асосиро, ки пеш аз омадан ба Россия зарур мебошанд, дар назар бояд дошт: омӯхтани забони русӣ, донистани қонуну қоидаҳои муҳоҷират ва бо худ доштани пул – на кам аз 500-600 доллар. Барои ҳар як “намедонам”-атон Шумо борҳо пул медиҳед. Ҳар қадар кам донед, ҳамон қадар бештар пул медиҳед. (*Айгул*).

***Шарњи коршиносон***

*Тайёрї ба сафари Россия марњилаи хеле муњими муњољират мебошад. Афсўс, ки бисёре аз муњољирон ба ин эътибор намедињанд, фаќат ба ёрии дўстон, шиносњо ва хешовандон умед мебанданду бас. Аммо дар байни шиносњои Шумо, мутаассифона, онњое низ ёфт мешаванд, ки ќонунњоро наѓз намедонанд, ё миёнравони бевиљдон мебошанд, бинобар ин барои ба ќарз наѓўтидан ё ќурбонии савдои одамон нашудан мо тавсия медињем, ки пурра ба ёрии њамшањриён умед набандед.*

*Барои донистан ва бењтар кардани сатњи донишии забони русї аз замимањои мобилї барои Android – «Россия для всех (Узбекский)» ва TORFL GO, инчунин пойгоњи интернетии «Образование на русском» (pushkininstitute.ru) истифода баред.*

*Ҳангоми тайёрӣ ба сафар мо маслиҳат медиҳем, ки пешакӣ **ба кадом минтақаи Россия рафтанатонро аниқ кунед**: ҳар минтақаи Россия нотакрор аст ва хусусиятҳои фарҳангии худро дорад. Сатҳи зиндагӣ ва имконияти пул кор кардан дар минтақаҳои гуногуни ФР аз ҳам фарқи калон доранд: ба ҳар сурат*

***бояд бо худ "болишти бехатарӣ"*** *– дар марҳилаи аввал маблаги пулӣ ба миқдори 2-3 андозаи ҳадди ақалли музди минтақавӣ* ***доштанатон даркор аст****. Имкониятҳои зиёди пеш аз сафар* ***шинос шудан бо ҷойҳои холии кор ва ёфтани кори дилхоҳ мавҷуд мебошанд:*** *танҳо ба хандаи бахт ё ёрии миёнравон такя кардан хавфнок аст. Пешниҳодҳои расмии кордиҳандагонро дар ҳамаи минтақаҳои Россия аз сайти http://trudvsem.ru/ – ёфтан мумкин аст, ки ин махзани умумироссиягии Вазорати меҳнат ва шугли Федератсияи Россия мебошад.*

***Омӯхтани қонунҳои Россия хеле муҳим аст:*** *масалан, шаҳрвандони давлатҳои ИДМ (СНГ) метавонанд бе патент дар ФР на зиёдтар аз 90 рӯз дар 6 моҳ истиқомат кунанд. Дар 6 моҳ Шумо метавонед чанд бор ба Россия оед, аммо муддати дар Россия истоданатон набояд аз 90 рӯз зиёд бошад. Аз соли 2014 шаҳрванди хориҷие, ки бо мақсади кор ба Россия меояд, бояд ҳатман дар корти муҳоҷират мақсади омаданашро "кор" нишон диҳад. Бе ин нишондод дар Россия ҷои расмии кор пайдо кардан мумкин нест.*

*Тафтиш кардани он, ки* ***вуруди Шумо ба Россия манъ нест****, лозим аст: агар Шумо пештар дар раванди таъмин шудан бо кор аз хизмати миёнравон истифода бурда бошед, эҳтимоли ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр кардани онҳо зиёд аст ва вуруди Шумо шояд манъ шуда бошад. Дар бораи он, ки вуруди Шумо манъ аст ё нест, метавонед аз намояндагиҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Россия ё аз шакли махсуси сайти ГУВМ МВД маълумот гиред: http://services.fms.gov.ru/info-*

*service.htm?sid=3000.*
***Пешакӣ донистани сурогаҳои ташкилотҳое, ки ба Шумо ёрӣ расонида метавонанд, хеле муҳим аст****: инҳо метавонанд мақомоти давлатии ФР, намояндагии мақомоти давлатии кишвари Шумо (масалан, муассисаҳои консулӣ ё намояндагиҳои хадамоти муҳоҷират), ташкилотҳои ғайридавлатӣ бошанд. Пойгоҳҳои расмии электронии ёрӣ ба муҳоҷирон маълумотҳои хеле муфид доранд: «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!» (migrantinfo. kmormp.gov.spb.ru) ва замимаҳои мобилии «Добро пожаловать в Ленинградскую область!» MigrantLenobl. Маслиҳатҳои муфид, сурогаҳо ва маводро оид ба муҳоҷират дар ФР аз пойгоҳи «Миграция и мигранты» migrussia.ru инчунин аз замимаи мобилии МигрАзия+ пайдо карда метавонед.*

# Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо

Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро фақат бо роҳи қонунӣ, бе додани пора ва бе истифодаи хизмати ширкатҳои миёнарав тайёр кардан лозим аст. (*Гулнора*).

Бақайдгирӣ (регистратсия)-ро ба воситаи миёнравҳо накунед, худатон ба Раёсати муҳоҷират (Управление по вопросам миграции) ё ба марказҳои бисёрҷабҳа (многофункциональный центр) равед ва ба қайд гузоред. Миёнравҳо баъзан мардумро фиреб медиҳанд. (*Севара*).

Дар ҷойҳое, ки ҳуҷҷатҳоро тайёр мекунанд, одамонеро вохӯрдан мумкин аст, ки хизматҳои худро пешниҳод мекунанд, гӯё ин корро бе навбат, тезтар ва арзонтар анҷом медода бошанд. Ба онҳо гӯш надиҳед. Як шиноси ман ба онҳо пул дод, вале аз дасташон ягон кор наомад. Гуфтаанд: шумо нодуруст ворид шудаед, бинобар ин Шуморо ба қайд гирифтан мумкин нест. Дигар шиносам гуфт, ки ҳуҷҷатҳоро тайёр кардаанд, аммо ҳангоми тафтиш маълум шуд, ки қалбакӣ будаанд. (*Жазгул*).

Кӯшиш кунед, ки ҳама коратонро ба воситаи мақомоти давлатӣ ҳал намоед ва маълумоти расмӣ гиред. Ба ташкилотҳои тиҷоратӣ муроҷиат кардан хуб нест. Афсӯс, ки ширкатҳои зиёди бевиҷдон мавҷуд мебошанд, ки пулро мегиранду ҳуҷҷат тайёр намекунанд, ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд. Рӯзи аз ҳама бад он аст, ки аз қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳо дар политсия огоҳ мешавед. (*Шаҳноза*).

Агар забони русиро дар сатҳи хуб надонед, аз ягон шиноси русатон хоҳиш кунед, ки ба Шумо ёрӣ расонад. (*Ангелина Сауле*).

Муҳлати гирифтани патент — ҳамагӣ 30 рӯз баъди гузаштани сарҳад аст. Ҳуҷҷатҳоро мустақилона тайёр карда, баъд бепул онҳоро супурдан мумкин аст, аммо ба навбатҳои тӯлонӣ тайёр бояд буд. (*Марина*).

Вақте кас ба Россия меояд, бояд шахсан худаш ба хадамоти муҳоҷират равад, зеро миёнравҳо одамонро фиреб мекунанд. Маблағи патентро ҳар моҳ супурдан лозим аст. Беҳтар он аст, ки якбора ҳаққи семоҳаашро пардохт кунем, ё якмоҳаашро. Агар кас ба таври расмӣ кор кунад, ширкат метавонад худаш ӯро ба қайд (регистратсия) гузорад. (*Севара*).

Ҳама корро фақат худам мекунам, вақтро дареғ надошта, ҳама чизро меомӯзам, то муҳтоҷи миёнравҳо нашавам.

Патентро ҳатман мувофиқи ихтисосе, ки кор мекунӣ тайёр кардан зарур аст. Агар нонпаз ҳастӣ, бояд патентат барои нонпазӣ бошад. Бисёр ширкатҳо, агар патентат мувофиқ набошад, ба кор қабул намекунанд. (*Фотима Зарипова*).

Миёнравҳои хеле бисёре пайдо шудаанд, ки дар ҳар қадам ба Шумо мечаспанд ва ваъда медиҳанд, ки ҳамаи мушкилотро ба ҷои Шумо ҳал мекунанд. Гӯё барои он ки Шумо наметавонед, намедонед, сарфаҳм намеравед, нодуруст ҳуҷҷатҳоро пур мекунед ва ғайраҳо. Аниқ гуфта метавонам, ки одам метавонад ҳама корро худаш кунад, сарфаҳм равад, маълумоти даркориро пайдо намояд. Фақат зеҳни худро ба кор бурда, агар ягон чизро надонад, аз пурсидан натарсад. Агар Шумо аз қадамҳои аввал ба ин кор одат кунед, дар оянда хеле осон

мешавад. Аммо агар аз рӯзҳои аввал одат кунед, ки масъалаатонро ба воситаи дигарон ҳал мекунед, минбаъд ҳам чунин давом мекунад, дар ҳалли ҳар масъала муҳтоҷи дигарон мешавед. Агар бахт мадад кунад, коратон ҳал мешавад вагарна ба доми фиреб афтоданатон мумкин аст. (*Ирина*).

***Шарҳи коршиносон***

*Шаҳрванди хориҷӣ бояд на дертар аз 7 рӯзи кории баъди ворид шудан ба ФР дар ҷои омадааш худро ба қайд гузорад; шаҳрвандони давлатҳои аъзои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон ва Қиргизистон ) – 30 рӯз; шаҳрвандони Тоҷикистон – дар муддати 15 рӯз. Мувофиқи қонун ба қайд гузоштан (регистратсия) бояд дар ҷои истиқомати воқеӣ сурат гирад, барои риоя накардани ин қоида то 7000 рубл ҷарима бо эҳтимоли рондан аз Россия пешбинӣ шудааст. Шуморо метавонад ҷониби қабулкунанда ба қайд гирад, барои ин ба шуъбаи минтақавии Управления по вопросам миграции ё ба многофункциональный центр предоставления государственных услуг (МФЦ) муроҷиат кардан даркор аст.*

*Бақайдгирӣ (регистратсия) ба муҳлати на зиёда аз 90 рӯз аз замони гузаштани сарҳад карда мешавад ва барои кор кардан дар ФР ҳуқуқ намедиҳад. Дар асоси патенти гирифта ва ҳаққаш пардохта муҳлати бақайдгирӣ (регистратсия)-ро дароз кардан лозим аст.*

*Дар ФР миёнравҳои зиёде (ташкилотҳо ва шахсони алоҳида) фаъолият мекунанд, ки барои тайёр кардани патент хизмати пулакӣ пешниҳод мекунанд:*

*- барои ёрӣ ба «шахсони воқеӣ» – ҳамшаҳрон, саркорон, миёнравҳо, ҳатто шиносатон бошанд ҳам муроҷиат накунед: аксар вақт маҳз ҳаминҳо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд;*

*- ҳатман шартнома барои расонидани хизмат бандед, агар барои ёрӣ дар тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ба ташкилоти миёнарав муроҷиат карда бошед;*

*- ҳатто ба миёнравҳо муроҷиат карда бошед ҳам, бояд шахсан худатон аз муоинаи тиббӣ, санҷиши дониши забони русӣ, таърих ва асосҳои ҳуқуқ гузаред. Ҳангоми супурдани ҳуҷҷатҳо бояд изи ангушт супоред, сурат гиред;*

*- ягон ташкилот ё шахси воқеӣ ҳуқуқи аз ҷониби Шумо гирифтани ҳуҷҷатҳоятонро надорад. Барои гирифтани ҳуҷҷатҳо аз шуъбаи Управления по вопросам миграции Шумо бояд ҳатман худатон ҳозир шавед.*

*Дар ҳар минтақаи ФР танҳо як ташкилоти салоҳиятдор ба қабули ҳуҷҷатҳо барои тайёр кардани патенти кор машғул аст – ҳатман суроғаи онро пайдо кунед ва танҳо ба он муроҷиат кунед. Патент танҳо дар он минтақаи Россия амал мекунад, ки дар он ҷо гирифта шудааст. Патент ҳуқуқ медиҳад, ки дар муддати амали мухлаташ дар минтақаи зикршуда истиқомат ва аз рӯи ихтисоси дар он нишондода дар*

*назди ҳар корфармо – хоҳ шахси воқеӣ бошад, хоҳ шахси ҳуқуқӣ дар дилхоҳ ҷои минтақа кор кунед. Патент дар муҳлати 10 рӯзи кории баъди супурдани ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои даркорӣ тайёр карда мешавад.*

*Барои кор бо патент Шумо бояд маблаѓи андози собитро (НДФЛ) барои ҳар моҳи минбаъдаи кор пешпардохт кунед. Ҳатман миқдори ин андозро дар минтақаи худатон фаҳмед.*

# Манзил

Мо аксар вақт барои ду-се оила манзилро иҷора мегирем, зеро иҷорапулӣ гарон аст. Ҳамсояҳо метавонанд аз ин норозӣ шаванд ва ҳатто барои тафтиши манзил политсияро даъват кунанд. Шумо инро бояд фаҳмед: ҳар қадар одам зиёд бошад, ѓавѓо ҳам бештар мешавад, ки ин ба ҳамсояҳо маъқул нест.

Махсусан, вақте бачаҳо бисёр ѓавѓо кунанд ва одамони гуногун бештар равуо намоянд. Ин шубҳаю гумонро ба амал меоварад. Кӯшиш кунед, ки оромона умр ба сар баред, бо ҳамсояҳо шинос шавед, бо онҳо суҳбат кунед. (*Жазгул*).

Аз «риэлторҳои сиёҳ» ва агентҳои бевиҷдон эҳтиёт кунед! Ҳеҷ вақт барои интихоб ё дидани манзил бе бастани шартномаи расмӣ ва то дар манзил ҷойгир нашудед, пул надиҳед. (*Замира*).

Ман боре ба дидани манзил омадам. Агент ва "соҳибон"-и хона ҳам буданд. Онҳо манзилро хеле таъриф карда гуфтанд, ки танҳо ба он хотир ин хонаи дар марказ бударо бо нархи арзон медиҳанд, ки онҳо таъҷилан ба хориҷа рафтаниананд. Ман гуфтам: «Шиносномаатонро бо қайд дар ин манзил ва ҳуҷҷатҳои хонаро нишон диҳед». Ҳеҷ чиро нишон дода натавонистанд, гӯё ҳуҷҷатҳоро бо худ надошта будаанд. Ман зуд фаҳмидам, ки ин фиреб аст ва аз он ҷо рафтам.

Ин хел ҳолат ҳам мешавад, ки муҳоҷирон ба дидани манзил меоянду агентҳо як варақаи муҳрдорро пур мекунанд ва маблағро мегиранд, гӯё ҳамааш хуб аст. Баъди се рӯз соҳиби ҳақиқии манзил меояд ва онҳоро меронад. (*Бозоргул*).

Писарам ба воситаи интернет хонаи иҷора пайдо кард ва ба идораи агентӣ рафт. Онҳо гуфтаанд, ки аввал 8000 рубл пешпардохт кунад, баъд суроғаи аниқи он манзилро медиҳанд. Ӯ ба ман занг зада, маслиҳат пурсид, ман гуфтам, ки рад кунад. Писарам ҳам рад карда гуфтааст, ки аввал рафта манзил ва соҳиби онро дидан лозим аст, ки хонаашро ба иҷора медиҳад ё не.

Маслиҳати ман чунин аст: то манзилро набинед, шартномаро имзо накунед, пешакӣ пул надиҳед!

Бақайдгирӣ (регистратсия)-ро ҳарчӣ зудтар анҷом диҳед! (*Фотима*).

Кӯшиш кунед, ки дар манзилҳое, ки иҷоранишинон бисёранд, хонаи иҷора нагиред. Ҳарчанд арзон аст, аммо эҳтимоли зиёд аст, ки ин ба ҳамсояҳо маъқул намешавад ва ба политсия хабар медиҳанд. Ин гуна манзил боэътимод нест. Инчунин, вақте ки хонаро аз иҷоранишин ба иҷора мегиред, варианти хубе нест. (*Шаҳноза*).

Бо дохилшавӣ ба кор ва иҷораи манзил хеле эҳтиёткорона муносибат бояд кард, афсӯс, ки борҳо ба доми фиребгарон афтодем, ки миқдорашон хеле зиёд шудааст. Ҳеҷ гоҳ хонаро надида, дар идора пул надиҳед, ҳамаи шартномаҳоро бодиққат хонед. Баъди ин кӯшишҳои беҳуда, мо ба воситаи шиносҳоямон хонаи иҷора пайдо кардем. (*Марина Г.*).

Вақте манзил ба иҷора мегирӣ беҳтар аст, ки аз касе, ки бе аксент суҳбат мекунад, ёрӣ пурсӣ. Ин кафолат медиҳад, ки туро фиреб накунанд, ё пули зиёд нагиранд. (*Ангелина Сауле*).

Ба пешниҳодҳои хеле арзон ва бе ҳеҷ шарт бо шароити аъло додани манзил бовар накунед. Аксар вақт фиребгарон чунин пешниҳод мекунанд, ки шиносҳои мо ба домашон афтода буданд. (*Ирина*).

***Шарҳи коршиносон***

***Ҳангоми ба иҷора гирифтани манзил бояд ҳамеша шартномаи расмӣ баст. Бе шартнома***

*истиқомат кардан боз хатаре дорад, ки дар вақти тафтиш Шуморо метавонанд барои вайрон кардани қоидаҳои истиқомат дар ФР ҷарима бананд. Хеле муҳим аст, ки ҷониби қабулкунанда Шуморо дар суроғаи зисти воқеӣ ё ҷои кор ба қайд гирад – дар ин ҳолат Шумо худро аз хавфи вайрон кардани қоидаҳои муҳоҷират эмин мегардонед.*

*Бо розигии шифоҳии ҳамшаҳриёнатон дар манзили онҳо сокин нашавед – аз онҳо шартномаи иҷора талаб кунед, эҳтимол онҳо худ иҷоранишин ва ҳаққи ба иҷора доданро надошта бошанд, чунки соҳибхона нестанд. Ба соҳибхонаҳо ҳуҷҷатҳои худро ҳамчун гарав ё барои нигоҳдорӣ надиҳед, ҳеҷ кас ба ғайри Шумо ҳуқуқи нигоҳдории шиносномаатонро надорад.*

*Вариантҳои асосии иҷораи манзил дар Россия: иҷораи мустақилона ба воситаи агентиҳои амволи ғайриманқул; иҷораи манзил мустақиман аз соҳибмулкон; ҷойгиршавӣ дар хобгоҳҳои умумӣ ё манзилҳои муваққатӣ, аз ҷумла, бо ёрии кордиҳанда.*

*Агар ба Шумо иҷораи бе шартнома пешниҳод кунанд, хеле хатар дорад: соҳиби хона ё миёнарав метавонанд то анҷоми муҳлати иҷора дар ҳар лаҳза Шуморо ронанд ва кафолатпулиро ҳам надиҳанд!*

*Соҳиби хона бояд ҳатман Шуморо ба қайд гирад, яъне, дар баҳисобгирии муҳоҷират дар суроғаи воқеии зист Шуморо гузорад.*

*Ширкатҳои бисёре ҳастанд, ки дар хобгоҳҳои коргарон ва ҳостелҳои шаҳр ҷой пешниҳод мекунанд. Ин ширкатҳоро дар интернет ба осонӣ ёфтан мумкин*

*аст. Пеш аз имзо кардани шартномаи иҷора ҳатман бо шароити зист дар хобгоҳ ё ҳостели мушаххас шинсо шавед.*

# Ҷустуҷӯи кор ва таъмин шудан бо кор

Як шиносам занг заду хурсандона гуфт: ман кор ёфтам. Шартнома ҳаст? -пурсидам ман. -Чӣ хел шартнома?.. Ман ҳамеша ба одамонамон мегӯям, ки шартнома баста, онро хонанд. Бе шартнома Шумо исбот карда наметавонед, ки кор кардаед. Бе шартнома кор накунед! (*Гулнора*).

Бад аст, вақте ки Шумо бевосита бо кордиҳанда кор намекунед, балки миёнрав дар байн аст ва бад аст, вақте ки бе шартнома кор мекунед. Ин ҳодисаҳо бисёр рӯй медиҳанд ва мардум маоши худро ҳеҷ гирифта наметавонанд. (*Шаҳодат*).

Ҳангоми ҷустуҷӯи кор фикр накунед, ки шахси ҳаммиллати ту одилона муносибат мекунад ва бароят кори хубе меёбад. Бояд бо каллаи худ кор кард ва танҳо ба худ умед баст. (*Шаҳноза*).

Боре ман дар рӯзнома эълонеро хонда, дар як мағоза ба кор сар кардам. Маро аз ин нуқта ба он нуқтаи савдо равон мекарданд, ки хеле

хаста мешудам ва аз кор рафтам. Аммо маоши маро надоданд. Ман шартнома надоштам. Азбаски шартнома набуд, нозироти меҳнат гуфт, ки ба суд мурочиат кунам. Ман ба суд нарафтам. Бояд ҳамеша дар даст шартнома дошт ва ҳеҷ гоҳ ба кордиҳанда шиносномаро набояд дод! Шартномаи меҳнатӣ бояд рақами тартибӣ дошта бошад! (*Фотима*).

Кори дилхоҳро зуд пайдо кардан душвор аст, бинобар ин ҳар чизе, ки ояд сабру таҳаммул бояд кард. (*Дилноза*).

Дар интернет барои занон чунин корҳое, мисли модел дар видеочат, дар толори масҳ ё раққоса пешниҳод мекунанд, ҳар ҳафта додани пули калонро ваъда мекунанд. Бо ин корҳо баъд онҳоро ба фоҳишагӣ ҷалб мекунанд. (*Ирина*).

Барои ба доми фиребгарон наафтодан бояд сайтҳои боэътимодро дар интернет дид, ё ба воситаи шиносҳо кор пайдо кард. Аммо ҳатман ба таври расмӣ номнавис бояд кард, вагарна фиреб медиҳанд. Агар ба ин ҷо 50 нафарро оваранд, ин шубҳанок аст, маълум, ки фиребгаранд. Набояд шиносномаҳоро гиранд. Агар кордиҳанда ҳуҷҷатҳоро қайд накунад, дар он ҷо набояд кор кард, онҳо фиреб медиҳанд. Як моҳ, ду моҳ маош медиҳанд, баъд фиреб сар мешавад. (*Севара*).

Қоидаи асосӣ – бе шартнома ба кор розӣ нашавед. Дар шартнома бояд ҳамаи шартҳо зикр шаванд: шумо ба чӣ корҳо машғул хоҳед шуд, чӣ қадар маблағ медиҳанд ва ғайраҳо. Агар ширкат беинсоф бошад ва пул надиҳад, ин шартнома Шуморо муҳофизат мекунад. (*Замира*).

Агар ту раводиди корӣ дошта бошӣ, ту ба ширкат вобаста мешавӣ. Онҳо туро аз қайд мегузаронанд ва метавонанд, ҳуҷҷатҳоятро бекор кунанд. Кордиҳанда аз ин суиистифода бурда, доимо шароити корро дигар кардан мегирад, масалан, маҷбур мекунад, ки соатҳои зиёдтар кор кунӣ, пардохти маошро кашол медиҳад. Аксар вақт ширкатҳо маошро ба корт намегузаронанд, нақд медиҳанд ва ҷаримаҳои гуногун мебанданд.

Дар сурати кашол ёфтани муҳлати додани маош ҳамаи пулатонро то додани маош харҷ накунед, каме захира кардан лозим аст. Аксар вақт рӯёндани маблағ аз ҷасорати ту вобаста аст, аммо ман аввал бо ҳуқуқшинос маслиҳат кардам, сардорро бо нозирпоти андоз тарсондам. Ва ман маблағи худро гирифтам, дигарон не. Агар роҳбарият чунин бадаҳдӣ кунад – ба ҳуҷуми қатъӣ омода бояд шуд. Ва фикр накунед, ки агар дар назди ҳамватанони худ кор кунед, онҳо беҳтар рафтор хоҳанд кард: аксар вақт онҳое, ки кайҳо дар Россия мақому манзалат пайдо кардаанд, ва соҳиби бизнеси худ шудаанд, бо муҳоҷирон муносибати бадтар мекунанд. (*Ангелина Сауле*).

Корро ҳамеша барои худ ва писару ҳамсарам худам пайдо мекунам. Рӯзномаро мегирам, аз рӯи эълонҳо занг мезанам ё дар сайтҳои интернет меёбам, ба ширкат меравам, бо кордиҳанда суҳбат мекунам.

Бисёр муҳим аст, ки дар даст шартнома дошта бошед. Бисёр мешунавам, ки одамонро фиреб мекунанд, маошашонро намедиҳанд. Агар шартнома бошад, ту ҳамеша ҳақ будани худро исбот карда метавонӣ ва пулатро мерӯёнӣ. (*Фотима Зарипова*).

***Шарҳи коршиносон***

*Ҳуқуқҳои меҳнатии худро донед ва барои ҳимоя кардани онҳо ҳамеша тайёр бошед, ба рушди худ ва такмили касбатон машғул шавед, ҳамеша захираи пул дошта бошед ва ба кор расман дохил шавед.*

***Муносибатҳои меҳнатии Шумо бо кордиҳанда бояд бо шартномаи меҳнатӣ тасдиқ карда шаванд****, ки нусхаи онро кордиҳанда бояд дар зарфи се рӯзи ба кор сар кардани Шумо ба Управление по вопросам миграции фиристонад. Кордиҳанда уҳдадор аст, ки ба Шумо нусхаи бо муҳру имзои кордиҳанда тасдиқшударо диҳад – ин шартнома ба Шумо баъдан дар муҳофизати ҳуқуқуҳоятон ёрӣ мерасонад. Шумо бояд ном ва суроғаи он ташкилотеро, ки дар он кор мекунед ва роҳбари бевоситаатонро донед (вазифа, насаб, ном, телефон). Эҳтиёт шавед – агар шартнома набошад, ё шартнома бо он ташкилоте,*

*ки Шумо воқеан кор мекунед, баста нашуда бошад, миёнравҳо Шуморо ҳамчун қувваи ройгони корӣ истифода мебаранд.*

*Миқдори музди кор бояд дар шартнома нишон дода шавад. Шумо бояд пулро ба воситаи корти махсуси бонкӣ ба номи худатон ё дар муҳосибот бо имзои шахсӣ гиред. Дар муҳосибот бояд ба Шумо варақаи ҳисобӣ диҳанд. Ҳамаи муносибатҳои пулӣ бояд ҳуҷҷатӣ карда шаванд. Агар аз Шумо пул қарздор бошанд, ҳатман аз кордиҳанда забонхат талаб кунед ва онро бо худ нигоҳ доред.* ***Ҳамаи он чизеро, ки имзо мекунед, бодиққат хонед:*** *агар ба Шумо пешниҳоди имзо ба шартнома, табел, забонхат ва ғайра кунанд, Шумо бояд ба он чизе, ки имзо мекунед, розӣ бошед. Агар коғаз ба Шумо тааллуқ дошта бошад, нусхаи онро талаб кунед.*

***Барои ёрӣ муроҷиат кунед:*** *барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ Шумо метавонед ба политсия, Прокуратура, Государственная инспекция труда, УВМ ГУ МВД РФ, суд, Уполномоченному по правам человека, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кунед. Ҳатман суроғаҳои ин ташкилотҳоро дар минтақа донед.*

# Муоширàт бо политсия

Бисёр одамон, вақте ки корманди политсияро мебинанд, зуд метарсанд, ҳатто агар ҳамаи ҳуҷҷатҳояшон тахт ҳам бошанд. Корманди политсия мебинад, ки шахс тарсида истодааст, агар он одами

тамаъкор бошад, аз ин фурсат истифода бурда метавонад.

Худро бояд ором ва муътамад нигоҳ бояд дошт. Политсия наметавонад Шуморо боздошт кунад, агар ҳуҷҷатҳоятон тахт бошанд. (*Гулнора*).

Дар назди шавҳарам ошпазҳои шинос кор мекарданд, аммо патент надоштанд. Тафтишгарон омаданд ва ҳамаро бурданд. Ҳар кадом 5000 рублӣ супурданд, аммо протоколро ба дасташон надоданд, гуфтанд, ки кайҳо бе иштироки онҳо суд қарор баровардааст, аммо қарори судро ҳам надоданд.

Ҳатман аз политсия нусхаи протоколро талаб кунед, шаҳодатномаҳои хизматияшонро пурсед! Рақами жетонро ҳам гирифтан ҳатмӣ аст, бисёриҳо инро намедонанд.

Агар Шумо ба худ бовар надошта бошед, ба забони русӣ нағз гап назанед, муошират Шумо бо политсия душвор мегардад.

Шумо бояд донед, ки ҳангоми боздошт ҳуқуқи занги телефон доред. Аммо одаме, ки ба забони русӣ нағз гап намезанад ва метарсад, аз ин ҳуқуқ ҳам истифода бурда наметавонад. (*Фотима*).

Ба қарибӣ шоҳиди як воқеа дар кӯча шудам: аз зане, кормандони бевиҷдони полистия пул тамаъ мекарданд, ҳарчанд ҳамаи ҳуҷҷатҳояш тахт буданд. Дахолат кардам. Ба онҳо гуфтам, ки ба 02

занг мезанам ва рақами жетонҳои онҳоро мегӯям. Онҳо аз он зан даст кашиданд ва ӯро ҷавоб доданд. Ӯ ҳама ҳуҷҷатҳо: патент, полис, корти муҳоҷират ва регистратсияро дошт. (*Севара*).

Ман шиносномаамро дар хона нигоҳ медорам ва нусхаи аз тариқи нотариалӣ тасдиқшуда ва тарҷумаи русии онро бо худ мегирам. Ин ҳуҷҷати расмӣ аст ва бояд дигаронро бовар кунонд – масалан, посбонон ё кормандони политсияро. (*Ангелина Сауле*).

Барои он ки политсия мушкил эҷод накунад, бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳо тахт ва бо худатон бошанд. Политсия ҳуқуқ надорад, ки шиносномаи Шуморо гирад. Умуман ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки шиносномаи Шуморо гирад! (*Шаҳноза*).

Муошират бо политсия, ба фикри ман, ин мисли имтиҳон, санҷиши он аст, ки ту ҳуқуқҳои худро то кадом сатҳ медонӣ ва ба забони русӣ гап зада метавонӣ. Дар ин ҷо хатоҳо ва нодониҳои ту ошкор мешаванд.

Агар ту бо боварӣ ҷавоб диҳӣ ва ҳуқуқҳои худро донӣ, мушкиле пайдо намешавад. Ва онҳо бо ту бо забони дигар муошират мекунанд. Кормандони беинсоф метавонанд аз нодонӣ ва тарси муҳоҷир истифода баранд, ягон талаботи мавҷуднабударо пеш оранд. Албатта, зарур аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳо

тахт бошанд ва барои боздошт сабабе пайдо нашавад. (Айгул).

***Шарҳи коршиносон***

*Вазифаи политсия таъмини риояи қонун, пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад. Аз кормандони политсия тарсидан лозим нест, аммо донистани ҳуқуқҳои худ ҳангоми муошират бо онҳо зарур аст.*

*Ҳуҷҷатҳоро танҳо он кормандони политсия ҳуқуқи тафтиш кардан доранд, ки дар вақти иҷро кардани вазифаи хизматӣ бошанд. Ин кормандон нишони махсуси сарисинагӣ (жетон) доранд – ба рақами он диққат кунед, онро ба ёд доред ё сабт кунед.*

*Ба ёд гиред – додани пора ҷиноят аст! Ба корманди политсия пул надиҳед! Дар сурати тамаъ кардани пул фавран бо телефони 112 хабар диҳед.*

*Кормандони политсия ҳуқуқ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳамчун замонати пардохти ҷарима ё дигар пардохтҳо гиранд – ин ғайриқонунӣ аст.*

*Агар Шумо шоҳиди аз ҳадди салоҳиятҳои хизматии худ берун шудани кормандони политсия, рад кардани қабули шикоят, беамалии кормандони политсия, тамаъкорӣ ва дигар амалҳои коррупсионии онҳо гардидед, шумо ҳуқуқ доред, ки аз амалҳои ғайриқонунии онҳо шикоят кунед.*

# Оила ва фарзандон

Таваллуд дар Россия бепул аст, аз ҷумла, барои муҳоҷирзанон ҳам. Аммо барои хизматрасониҳои иловагӣ метавонанд пул талаб кунанд. Бояд аз ширкати суғурта пурсид, ки полиси Шумо кадом ёриҳои тиббиро дарбар мегирад. (*Ситора*).

Агар дар Россия таваллуд кунӣ, бепул аст. Аммо таърихи бемории муовизавӣ бо таҳлилҳо доштан лозим аст, вагарна дар шуъбаи сироятӣ (дар обсерватсия) ҳамроҳи онҳое, ки ҳуҷҷатҳо ва таҳлилҳои зарурӣ надоранд, мехобонанд. Хоҳари ман бо амри тақдир дар ин ҷо таваллуд кард. Ӯ ҳамаи ҳуҷҷатҳоро дар даст дошт ва ӯро бо мошини ёрии таъҷилӣ ба таваллудхона бурданд. Дар шуъбаи маъмулӣ хобид, на дар обсерватсия. Ҳаққи рӯзҳои бистарӣ буданашро пардохт кард. (*Ирина*).

Бояд донист, ки дар Россия муҳофизати кӯдакон мавҷуд аст. Агар фарзанди Шумо баланд гиря кунад ё дар шароити бад нигоҳдорӣ шавад ё аз назорат дур монад, ҳамсояҳо метавонанд ба мақомоти дахлдор шикоят кунанд. Бачаҳо ҳатман бояд дар мактаб таҳсил кунанд.

Боз як чиро гуфтаниям, ки аксари бачаҳо дар ҳавлиҳои деҳот калон шудаанд ва чӣ будани бисёрошёнаро намедонанд. Ба тирезаҳо диққат

диҳед, бачаҳо, хусусан, хурдтараконро беназорат нагузоред. (*Гулнора*).

Баъзе ҷавонзанон дар ин ҷо ба муносибати маҳрамона машғул гардида, ҳомиладор мешаванд ва таваллуд мекунанд. Баъди ин алоқаҳои тасодуфӣ мард ғайб мезанад – ӯ оилаи дигаре дар ватан доштааст. Зан дар даст кӯдаки ширмак танҳо мемонад. Дар ин сурат аҳволи муҳоҷирзан хеле бад мешавад! Ӯ кор карда наметавонад, барои пардохти иҷораи манзил ва патент пул надорад, метарсад ин сирро ба аҳли хонадони худ гӯяд. Мехоҳам гӯям, ки занон дар ин масъала бояд хеле бомулоҳиза бошанд. Бояд ҳолат ва имкониятҳои худро дар ин ҷо дуруст баҳо дод. (*Замира*).

Ба кӯдакистон супурдани бачаҳо хеле душвор, ҳатто номумкин аст. Муҳоҷирзанон бо навбат дар нигоҳубини кӯдакон ба якдигар ёрӣ мерасонанд: ин кори хуб аст, ки бачаҳо беназорат намемонанд. Беҳтар аст, ки ин масъаларо пештар фикр кунем, агар фарзанди хурдсол дошта бошем. (*Айгул*).

Ман хостам фарзандамро ба мактаб диҳам, аммо моро қабул накарданд. Дар мактаби дигар ҳам қабул накарданд. Мо аз ҳамоҳангсози «Дети Петербурга» маслиҳат пурсидем, гуфтанд, ки ба РОНО муроҷиат кунед. Мо рафтем ва ҳамон замон

фарзандамро ба мактаб қабул карданд. Бинобар ин якбора ба РОНО рафтан даркор будааст! Боз барои кӯдак ҳатман маълумотномаи шакли 026 зарур аст. Корти тиббӣ ҳам тайёр кардан лозим. Ин қимат аст, зеро он дар поликлиника пулакӣ тайёр мешавад, бе он ба мактаб қабул намекунанд. (*Жасгул*).

Агар одам оид ба масъалаи кӯдакистону мактаб ба куҷо муроҷиат карданро умуман надонад, бояд ба РОНО рафта, чӣ кор карданро, ҳуқуқҳояшро, кадом ҳуҷҷатҳо тайёр карданашро аз он ҷо пурсад.

Дар майдончаи бозии бачаҳо бо модарон суҳбат карда, бисёр чизҳоро ҳам дар ин бора фаҳмидан мумкин аст. Инчунин ба худи кӯдакистон рафта, телефони мудирро гирифта, ба куҷо муроҷиат кардан, кадом ҳуҷҷатҳо зарур буданашро донистан мумкин аст.

Дар ҳама ҷо ва доим пурсидан даркор аст. Агар одами якум ҷавоб надод, ба дигараш муроҷиат кунед. Одамон гуногун ҳастанд, хафа шудан лозим нест, фақат пурсидан ва суҳбат кардан даркор аст.

Танҳо падар ё модар ҳуқуқи ба мактаб ё кӯдакистон сабт кардани фарзандро доранд, дигар хешовандон чунин ҳақро надоранд! (Шируя).

***Шарҳи коршиносон***

*Ёрии тиббӣ ҳангоми таваллуд ба ёрии фаврӣ дохил мешавад ва таъҷилан ва бепул расонида*

*мешавад, аз ҷумла, ба шаҳрвандони хориҷӣ ҳам. Дар Санкт-Петербург модарони таваллудкунанда, ки регистратсия ва дигар ҳуҷҷатҳо надоранд ва забони русиро намедонанд, маъмулан ба ба таваллудхонаи №16 (ул. Малая Балканская, д. 54) оварда мешаванд. Дар ин таваллудхона тарҷумонҳои забонҳои озарбойҷонӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекӣ кор мекунанд. Барои он ки таваллуд ба осонӣ гузарад ва навзод солим бимонад, зарур аст, ки пешакӣ (дар мухлатҳои аввали ҳомиладорӣ) дар қайди наздиктарин маслиҳатгоҳи занона истода, аз муоинаи аввалияи тиббӣ ва таҳлил гузашт.*

*Дар ҳолати поймол кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқи кӯдак барои ёрӣ ба Уполномоченному по правам ребенка дар минтақаи худатон ё ба Уполномоченному при Президенте РФ по правам ребенка (deti.gov.ru) муроҷиат кардан зарур аст. Дар ҳар минтақаи ФР ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фондҳои хайриявӣ амал мекунанд, ки ба дастгирии оилаҳои фарзанддор машғул мебошанд – онҳо баробари ёрии ҳуқуқӣ, ёрии гуманитарӣ ҳам мерасонанд.*

*Савдои одамон ҷинояти вазнин аст. Дар Кодекси Ҷиноятии ФР савдои одамон бо мақсади истисмори ҷинсӣ, хариду фурӯши кӯдак, савдои одамон бо мақсади истисмори меҳнатӣ, аз ҷумла зери пӯшиши меҳнати қарзӣ (аутсорсинг) ва гумоштани муҳоҷирони меҳнатӣ 15 сол аз озодӣ маҳрум кардан пешбинӣ шудааст. Гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ дар боби савдои одам занон ва бачаҳо мебошанд.*

*Дар бораи ҳодисаҳои маълумшудаи савдои одамон фавран ба политсия хабар додан лозим аст. Ба қурбониёни савдои одамон ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар минтақаҳои ФР амал мекунанд, ёрии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ расонида метавонанд. Огоҳиварақаи чӣ тавр қурбонии савдои одамон нашуданро аз сайти МВД Россия пайдо кардан мумкин аст: https://mvd.ru/upload/site1/oper_up/booklet_trafficing_web_1.pdf*

# Гирифтани ёрии тиббӣ

Дасти яке аз ҳамкасбонам осеб ёфт, баъди чанд рӯз гузаштан муроҷиат кард. Барои аз рӯи суғурта табобат кардани ӯ розӣ нашуданд, гуфтанд, ки ин аллакай ёрии фаврӣ нест, чунки дер муроҷиат кардааст. Маслиҳат медиҳам: дар чунин ҳолатҳо фавран ба духтур муроҷиат кунед! (*Фотима*).

Полиси аз ҳама арзон ба Шумо ҳеҷ кумак расонида наметавонад, ба ғайри ёрии фаврӣ. Дар фурудгоҳ маҷбур мекунанд, ки онро ба муҳлати се моҳ бихарем, аммо он баъдан ҳеҷ ёрӣ намерасонад. Бигзор қимат бошаду минбаъд ёрӣ диҳад.

Барои ҳамсояи ман се бор ёрии таъҷилиро даъват карданд, наомад, писараш ба онҳо гуфт, ки телевизионро даъват мекунад, зуд расида омаданд. Агар кас чӣ тавр, ба куҷо муроҷиат кардан, қонунҳоро надонад, ба мушкилот дучор мешавад.

Ман аппендитсит доштам, дар беморхона ба ман гуфтанд, ки барои амалиёти ҷарроҳӣ бояд 20 ҳазор супорам, аммо ман гуфтам, ки ба суғурта занг зананд. Онҳо рад карданд, аммо вақте фаҳмиданд, ки писарам ба телевизион мурочиат карданист ва ман узви иттифоқи касаба ҳастам, онҳо розӣ шуданд ва ҷарроҳиро мувофиқи полис анҷом доданд. (*Севара*).

Аппендитсити фарзанди ҳамсинфи ман, ки ин ҷо зиндагӣ мекард, шамол хӯрд, онҳо ба духтур муроҷиат карданд, духтур гуфт, ки ҷарроҳӣ пулакӣ аст. Ӯ ба ширкати суғурта занг зад ва пурсид. Дар натиҷа ӯро бепул ҷарроҳӣ карданд. Ҳақиқатан полиси тиббӣ ёрӣ мерасонад, фақат чӣ тавр истифода бурдани онро донистан даркор аст. (*Фотима Зарипова*).

Албатта, бемор нашудан беҳтар аст. Аммо аксар вақт муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳолатҳои фаврӣ назди духтур ҳозир мешаванд. Масалан, вақте ки маҷруҳ мешаванд ё амалиёти фаврии ҷарроҳӣ зарур мегардад. Дар ин ҳолатҳо ёрии тиббӣ бепул аст. Дар ин ҳолатҳо шарм надошта, ба ширкати суғурта занг зада, фаҳмидан лозим аст, танҳо ба он хотир, ки духтур гуфтааст, пул додан лозим нест.

Агар коргар бо гуноҳи кордиҳанда маҷруҳ шуда бошад, яъне шароити кор ба вайрон гардидани техникаи бехатарӣ сабаб шавад, аз ӯ ҷуброни табобатро талаб кардан лозим аст. Албатта, ин

ҷо як маслиҳат доданам зарур аст, ки одамон бояд бодиққат бошанд, ба ҷое, ки шароити кор бад ва барои саломатию ҳаёт хатарнок аст, нараванд. Агар шумо ғами худро нахӯред, кӣ ғами шуморо мехӯрад? Пул ёфта наметавонед, бемору маҷруҳ бармегардед ва дарди сари наздикон мешавед. (*Айгул*).

***Шарҳи коршиносон***

*Дар сурати зарурат ҳатман барои гирифтани ёрии тиббӣ муроҷиат кунед.*

*Ҳангоми ҳодисаҳои нохуш, ҷароҳатёбӣ, сироят ёфтан ё касалиҳои вазнин, ки ба ҳаёт хатар доранд, ёрии таъҷилӣ БЕПУЛ расонида мешавад, ҳатто полис ва дигар ҳуҷҷатҳо ҳам надошта бошед.*

*Рақами телефон ва номи ширкати суғуртаеро, ки ба Шумо полиси суғуртаи ихтиёрӣ ё ҳатмии тиббӣ додааст, фаромӯш накунед, – агар Шумо полисатонро гум кунед, ба ширкат муроҷиат карда, онро барқарор кардан мумкин аст, ё ҳангоми зарур шудани ёрии таъҷилии тиббӣ мавҷудияти онро тасдиқ кардан метавон.*

*Нусхаи полиси суғуртаро ҳангоми гум шуданаш доштан муфид аст.*

*Ҳангоми осеби истеҳсолӣ дар беморхона гуфтан даркор аст, ки Шумо маҳз дар ҷои кор осеб дидаед ва ба политсия, прокуратура ё ба нозироти меҳнат муроҷиат кунед. Кордиҳанда маҷбур аст, ки ҳамаи хароҷоти табобатро пардохт кунад ва инчунин барои корношоям шудану ба саломатиятон зарар овардан,*

*зиёни маънавӣ ва моддӣ расондан бояд ҷубронпулӣ диҳад, боз барои вайрон кардани қоидаҳои бехатарии меҳнат ҷавоб гӯяд.*

# Ёрӣ аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ

Ташкилотҳои ҷамъиятие ҳастанд, ки ба муҳоҷирон бепул ёрӣ мерасонанд, маслиҳат медиҳанд, мушкилоташонро ҳал мекунанд. Ташкилотҳое ҳастанд, ки бепул ба бачаҳо забони русӣ меомӯзонанд, масалан, «Дети Петербурга».
Мо худамон, масалан, маҳфили забони русӣ ташкил кардем. Во мехӯрем, дар мавзӯҳои гуногун бо забони русӣ суҳбат мекунем, дар маҳфили мо одамони аз 5 то 70-сола иштирок мекунанд. (*Гулнора*).

Ба ташкилоти мо – «Дети Петербурга» мурочиат кардан мумкин аст. Ман волонтёри ин ташкилот мебошам. Мо ба бачаҳои муҳоҷирон ва гурезаҳо ёрӣ мерасонем. Ба онҳо забони русӣ меомӯзонем, ба осорхонаву театрҳо мебарем, саёҳат мекунем, урдугоҳҳои шаҳрӣ ташкил менамоем. Ҳамаи ин бепул аст. Агар фарзанди Шумо забони русиро надонад ва бо ин сабаб дар мактаб мушкилот дошта бошад, Шумо метавонед ба ташкилоти «Дети Петербурга» мурочиат кунед.

Ман инчунин дар нашри рӯзномаи «Гул» ёрӣ мерасонам. Ин рӯзнома барои занон ва аъзои оилаҳои онҳо аз Осиёи Марказӣ аст. Бо 4 забон

нашр мешавад: ӯзбекӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ ва русӣ. Мо оид ба масъалаҳои муҳимтарин мақолаҳо менависем, масалан, чӣ тавр фарзандро ба мактаб ё донишгоҳҳои Россия дохил кард, зӯроварии оилавиро чӣ тавр ошкор кард ва ба куҷо барои ёрӣ муроҷиат бояд намуд, дар бораи ташкилотҳое, ки ба муҳоҷирон ёрӣ мерасонанд. Дар худи рӯзнома духтарону занон аз Осиёи Марказӣ ва Россия кор мекунанд. Маълумоти бештарро дар бораи рӯзнома ва шакли электронии онро аз ин ҷо дастрас кардан мумкин аст: vk.com/gazetagul (*Айим*).

Ба ман ин идея, ки муҳоҷирон ба муҳоҷирон дар бораи мушкилоти гуногуни худ, ки дар ин ҷо дучор меоянд, ҳикоят кунанд ва ин дар шакли китобча нашр шавад, хеле писанд омад. Хуб мешуд, ки мо донишҳои худро дар ин масъалаҳо ба ҳамдигар омӯзонем ва ҳама якҷоя мушкилотамонро ҳал кунем. Бояд ба ҳамдигар ёрӣ расонданро омӯзем, ба фикри ман, ин хеле муҳим аст. (*Шаҳноза*).

Маслиҳатҳои бепулро чандин бор аз «ПСП-фонд» гирифтаам. Ба ману шиносҳои ман ёрӣ расондаанд. (*Севара*).

Дар ҷои кори писарам системаи зиддисӯхтор ба кор даромад ва молҳоро тар кард, савдо се соат қатъ шуд. Роҳбарият ӯро, ки гӯё сигнализатсияро ба кор даровардa бошад, 25 ҳазор рубл ҷарима

кард. Шиносномаи писарамро гирифтанд ва таҳдид карданд, ки ӯро аз кор меронанд, депортатсия мекунанд, маошашро намедиҳанд. Дар «ПСП-фонд» ба мо маслиҳати хуб доданд. Ба нозироти меҳнат шикоят кардем. Дар натиҷа ба мо 25 ҳазор рублро баргардониданд ва ҳамаи маошро низ доданд. (*Фотима Зарипова*).

***Шарҳи коршиносон:***
*Дар Россия бисёр ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд, ки дар ҳалли мушкилоти вазнин тамоман бепул ёрии касбӣ мерасонанд. Бо соҳибкасбон маслиҳат кунед, танҳо ба ҳамшаҳрону ошноён умед набандед – онҳо самимона ба Шумо ёрӣ додан ҳам хоҳанд, қонунҳоро нағз намедонанд.*

# Муошират бо аҳолии маҳаллӣ

Россия урфу одатҳои худро дорад, ки онҳоро эҳтиром бояд кард, ман мегӯям доимо. Ба кишвари дигар, ки омадӣ, чунон рафтор кун, ки дар ин ҷо қабул шудааст. (*Гулнора*).

Бо доираи худ маҳдуд нашуда, бо мардуми рус суҳбат бояд кард. Бо ҳамкорон, ҳамсояҳо, дар маҷлиси волидон, агар иштирок кунӣ, суҳбат кардан даркор аст. (*Замира*).

Дар муоширот бо мардуми рус бисёр маълумоти муҳиму муфид гирифтам, дугонаҳо дар ин ҷо пайдо кардам. Ба ман маслиҳату насиҳатҳои хуб доданд, ки дар кадом сайтҳо барои худ кор ҷӯям, ба кадом ширкатҳо аниқ муроҷиат накунам. (*Шаҳноза*).

Ман маслиҳат медодам, ки танҳо дар ҳалқаи диаспораи худ маҳдуд нашавем, ки мутобиқшавӣ душвор мегардад. Ман бисёр ҳолатҳоеро медонам, ки мардум гӯё дар даруни кӯраи худ зиндагӣ мекунанд, фақат бо худиҳо бо забони модарӣ суҳбат мекунанд, забони русиро нағз намедонанд – баъзеашон ҳатто 20 сол боз дар ин ҷо зиндагӣ доранд. Ва на ҳамеша бояд ба диаспораи миллӣ бовар кард. (*Ангелина Сауле*).

Муҳоҷир худ фаҳмад, ки чун ба ин ҷо омад ва касеро барои муоширот пайдо кардан мехоҳад – худаш бояд ташаббус нишон диҳад. Аз рӯи кушодадилӣ ва шавқу завқи иҳтирок дар чорабиниҳо ӯро пешвоз мегиранд ва қабул мекунанд. (*Марина Бусыгина*).

Ман бисёр одамонеро медонам, ки дӯстон ва дугонаҳои рус доранд ва якҷоя муоширот мекунанд. Ман ҳам дугонаҳои рус дорам аз ҳисоби занон, бибиён, ки бо онҳо вомехӯрем, самимона суҳбат мекунем.

Ман ҳамеша ба ҷавононамон мегӯям, ки бо ҳамсоягон салом кунед, доимо самимӣ бошед, маслиҳат медиҳам ба онон. Агар одамон солхӯрда ва сумкаҳои вазнин дошта бошанд, ба онҳо ёрӣ диҳед. (*Фотима Зарипова*).

Бо мардумони гуногун муошират бояд кард: бо дигар муҳоҷирон ва одамони маҳаллӣ ва нафақат бо доираи маҳдуди худ. Ин ҷаҳонбиниро васеъ мекунад, маълумоти бештар дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт мегирӣ. Агар ягон кас дар ин бобат таҷрибаи манфӣ дошта бошад, бо одамони бад вохӯрда бошад, албатта чунинҳо низ ҳастанд, рӯҳафтода нашавад ва фикр накунад, ки ҳама чунин ҳастанд. Дар ҳар кадом миллат одамони хуб ва бад ҳастанд, аммо ба ҳар ҳол одамони хуб бештар мебошанд. (*Айгул*).

Дар ин ҷо одамоне ҳам ҳастанд, ки “аз рӯйи либос баҳо медиҳанд” ва мардумро ба маҳаллию ғайримаҳаллӣ, коргар ё идоранишин, модели телефон, тамғаи либос тақсим мекунанд, ин махсусан дар Москва зиёд ҳис карда мешавад. Ба ин ботаҳаммул муносибат бояд кард. Аммо бо ман инсонҳои хайрхоҳ бештар вомехӯранд ва мо нағз муошират мекунем. (*Ирина*).

***Шарҳи коршиносон***

*Дар Россия дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муошират бо одамони атроф меъёрҳои рафтор*

*мавҷуданд: масалан, баланд гап задан, дар нақлиёт хӯрдан, дар кӯча пиво нӯшидан, чиркин кардани муҳит беодобӣ ба ҳисоб меравалнд. Дар нақлиёт ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба солхӯрдагон ҷой додан аз рӯйи одоб аст. Кӯшишҳои ба гап даровардан, ба одамон хеле наздик шудан, ба хона бе даъват даромадан норозигии атрофиёнро ба амал меоваранд. Рафтори боодобона ва самимӣ меъёр аст.*

*Россия – кишвари дунявӣ аст: намоиши рафтору одатҳои динӣ дар ахлоқ, либос берун аз ибодатгоҳҳо, масҷидҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ва дар рӯзҳои ғайри идҳои динӣ ғайриоддӣ менамояд ва аз тарафи аксарият маҳкум карда мешавад*

*Россия – кишварест, ки дар он баробарии зану мард эътироф карда шудааст ва аз тарафи қонун ҳимоя карда мешавад. Занони рус метавонанд ҳам ҳаёти оилавиро пеш баранд ва ҳам кор кунанду ба мансаб расанд,ба намуди зоҳирии худ таваҷҷуҳ кунанд. Таваҷҷуҳ ба зебоии худ намоиши озодӣ ва мустақилияти онҳо мебошад, на хоҳиши зуд ба шиносшавӣ тайёр будан. Дар кӯча шинос шудан қабул нест. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои занон, зӯроварӣ дар оила нисбати занон мумкин нест, аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум ва аз ҷониби қонун ҷазо дода мешавад.*

*Бачаҳо дар Россия хоҳ духтару хоҳ писар, ҳатман бояд дар мактаб хонанд, баъдан мувофиқи хоҳиш таҳсилро дар коллеҷ ё донишгоҳ давом диҳанд. Истифодаи меҳнати бачаҳо, ба дастёрии хонадон ё дар ҷои кори волидон манъ аст.*

# Фароғат

Дар шаҳр бисёр чорабиниҳои гуногун барпо мешаванд, ҳатто бепул ҳастанд, ҷашнҳои хеле зебои шаҳрӣ баргузор карда мешаванд. Мо ба ҷашни Рӯзи Ғалаба рафтем, таассуроти зиёд гирифтем. Ман инро намедонистам, маълум шуд, ки моҳе як маротиба аксарияти осорхонаҳои Петербургро дидан мумкин будааст. Ин маълумотро аз сайтҳои осорхонаҳо гирифтан мумкин аст. Ҳатман вақт ёфта, осорхонаҳо, боғҳо, фаввораҳои Петергофро тамошо кардан лозим аст. Барои бачаҳои то 16-сола аз кишварҳои СНГ даромадан ба боғҳо ба монанди ҳамсолони русашон бепул аст. (*Шаҳноза*).

Петербург – шаҳри беҳтарин аст! Таъриху фарҳанги онро донед, хеле чизҳои ҷолиб меёбед. Мо ҳамроҳ бо муҳоҷирони дигар ва фарзандонамон ба саёҳат мебароем, саёҳати дарёӣ меравем, Пушкин, Эрмитажро зиёрат мекунем. Ҳамеша имкони арзон истироҳат кардан, якҷоя ҷамъ шуда, ба саёҳати гурӯҳӣ баромадан мавҷуд аст. (*Гулнора*).

Ман дар вақтҳои фароғат ба ҳама маслиҳати бепул медиҳам. Китобҳои дорои маслиҳатҳои муфидро мехонам, меомӯзам, ба дигарон ҳам пешниҳол мекунам, ки омӯзанд. (*Севара*).

Петербург шаҳр-осорхона аст. Албатта беҳтарин ёдгории он Эрмитаж, яке аз калонтарин осорхонаҳои ҷаҳон мебошад. Билети Эрмитаж 700 рубл аст. Агар Шумо шаҳрванди ФР бошед, шиноснома нишон дода, бо 400 рубл медароед. Аммо Эрмитаж як рӯзи тамошои бепул дорад – панҷшанбеи аввали ҳар моҳ. Азбаски Петербург, пештара Ленинград — дорои таърихи бой ва Қаҳрамоншаҳр мебошад, муҳосираи 872-рӯзаро дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳон аз сар гузаронидааст, бинобар ин Осорхонаи мудофиа ва муҳосираи Ленинградро дидан шарт аст. Дар осорхона экспонатҳое гузошта шудаанд, ки таърихи замони ҷангро инъикос мекунанд. Суратҳои бисёр, мактубҳо, тамоми муҳит инсонро ба ҳамон давра мебаранд. Ин саҳифаи таърихро бояд донист, осорхона ҳеҷ касро бетараф гузошта наметавонад. Осорхона ҳар рӯз, ба ғайр аз сешанбе ва панҷшанбеи охири ҳар моҳ кор мекунад, аз 10:00 то 18:00. Арзиши билет – 250 рубл, барои мактабиён, донишҷӯён ва нафақагирон – 60 рубл. (*Айим*).

Маро қуввае ба сӯйи Салиби Сурх бурд ва якшанбеҳо бо бачагон волонтёрӣ мекунам. Ба ман каме мутобиқшавӣ намерасид. Дар ин ҷо бачаҳои аҷоибе ҳастанд: бачаҳои муҳоҷирон, инчунин бачаҳои мардуми маҳаллии ҳамсоя, ки дар ин ҷо онҳоро ба бозӣ машғул медоранд, меҳрӯронанд, волидонашон дар ин вақт истироҳат мекунанд. Ба Салиби Сурх омадан ва бачаҳоро овардан мумкин

аст. Дар ин ҷо одамони хубу меҳрубоне ҳастанд, ҷавонони хуби маҳаллиро вохӯрдан мумкин аст, ҳам писарон, ҳам духтаронро. Ба фикри ман, ин беҳтарин вариант барои мутобиқшавӣ аст, шароити муътадил, бе шӯру шар дорад. Салиби Сурх ва ташкилотҳои монанди он ва фондаҳо вариантҳои идеалӣ ҳастанд, руҳро навозиш мекунанд. (Марина Бусыгина).

Дар Петербург ҷойҳои бисёре барои фароғати фарҳангӣ мавҷуданд, ки суроғаҳояшонро аз мардуми маҳаллӣ ва интернет пайдо кардан мумкин аст. Осорхонаҳо, театрҳо, кинотеатрҳо, маҳфилу бахшҳо, озмунҳо, чорабиниҳои гуногун, саёҳатҳо шуморо интизоранд. Аагр худатон рафтан натавонед, ба ҳар ҳол бачаҳоро баред, то ба кори муфиде машғул шаванд. Бад аст, вақте ки ҳамаи фикру зикр ба кор, барои рӯзгузаронӣ ва пулёбӣ банд бошад. Худ ба худ ба хулоса омадаам, ки ин нодуруст аст.

Ба ман дугонаи петербургиям нақл кард, ки ҳатто дар Ленингради муҳосирашуда мардум ба консертҳо мерафтанд, бачаҳоро ба театр мебурданд, ҳарчанд бисёр рӯзҳои сахт буданд. (*Айгул*).

Дар китобхонаҳо маҳфилҳои бепули забономӯзӣ, кинонамоишдиҳӣ ҳастанд ва фестивалҳо баргузор мешаванд. Ман тасодуфан эълонро дидам ва аз ҳисси кунҷковиям, ки дар мактаб

бисёр фаъолу ҷӯянда будам ва дар олимпиадаҳо иштирок мекардаму баъдан ин шавқҳоям хомӯш шуданд, ба маҳфил омадам. Дар ин ҷо бо одамони гуногун муошират мекунам, ки ба ман маъқул аст. Омӯзиши забони англисиро, ки баъди хатми мактаб фаромӯш карда будам, дубора оғоз намудам. (*Ирина*).

***Шарҳи коршиносон:***

*Барои зудтар ба ҳаёти Россия мутобиқ шудан тавсия медиҳем, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯстон пайдо намоед, дар ҷашнвораҳо ширкат варзед, ба кино, осорхона, театр, китобхонаҳо равед, забони русиро омӯзед.*

*Санкт-Петербургро ҳаққонӣ маркази фарҳангии Россия меноманд: дар шаҳр 97 муассисаи таҳсилоти олӣ, 198 китобхона, зиёда аз 200 осорхона, 68 боғ, беш аз 100 театр, зиёда аз 50 толори консертӣ аст.*

*Дар шаҳр беш аз 70 қасру хонаҳои фарҳангу эҷод фаъолият мекунанд – суроғаи муассисаи ба Шумо наздиктаринашро метавонед аз сайти Комитети фарҳанги Санкт-Петербург пайдо кунед: https://spbculture.ru/ru/institutions/6/*

*Дар марказҳо ва маҳфилҳои наврасону ҷавонон бахшҳои варзишӣ, гурӯҳҳои рӯзашон бардавом ва дастгирии равонӣ, маҳфилҳои мувофиқи шавқу завқ, кормандони иҷтимоӣ амал мекунанд. Суроғаи маҳфилҳои наврасону ҷавонони ноҳияи худро аз сайти “Дома молодежи” (Қасри ҷавонон)-и Санкт-*

*Петербург пайдо карда метавонед: http://spbdm.ru/podrostkovo-molodezhnye-tsentry-i-kluby.html*

*Китобхонаҳои Санкт-Петербург марказҳои дастрастарини фарҳангӣ ва иттилоотӣ мебошанд. Китобхонаҳо чорабиниҳои зиёди шавқовари бепул ҳам барои калонсолон, ҳам барои бачаҳо мегузаронанд, ки дар бораашон аз сайти «Общедоступные библиотеки Санкт-Петербурга» (Китобхонаҳои оммавии Санкт-Петербург маълумот гирифта метавонед https://spblib.ru. Дар заминаи шабакаи китобхонаҳои шаҳр нуқтаҳои маълумотдиҳӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ «Уголки мигранта» (Гӯшаҳои муҳоҷир) амал мекунанд, рӯйхаташонро аз ин сурога пайдо карда метавонед: http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/ugolki-migranta/*

*Муфассалан дар бораи Санкт-Петербург ва ёдгориҳои таърихии он, чорабиниҳое, ки ба мутобиқшавии хориҷиён ба ҷомеаи Россия нигаронида шудаанд, шумо метавонед аз сайти Ҳукумати Санкт-Петербург ба ёрии муҳоҷирон «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!» (Хуш омадед ба Санкт-Петербург!) маълумот дастрас кунед: http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/.*

# РВП, ВНЖ, шаҳрвандии Россия

Гирифтани шаҳрвандӣ таърихи дароз дорад. Ман барои гирифтани шаҳрвандӣ 10 сол интизор шудам. Аввал РВП, баъд ВНЖ, сипас шаҳрвандӣ. Баъзе ширкатҳо ваъда медиҳанд, ки

бо пул ин корро дар муҳлати кӯтоҳ ҳал мекунанд, беҳтар, ки ба онҳо муроҷиат накунед. Ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятие ҳастанд, ки ба воситаи онҳо маълумот гиред. (*Гулнора*).

Ҳангоми додани ариза барои РВП маълумотнома дар бораи даромадҳо (аз ҷои кор ё нусха аз ҳисоби бонк) зарур аст. Аммо дар рӯйхати ҳуҷҷатҳои даркорӣ ин нест, аммо ҳангоми ҳуҷҷатсупорӣ ҳатман талаб мекунанд, бинобар ин пешакӣ маълумотнома аз ҷои кор ё нусха аз ҳисоби бонкиятонро бо дарназардошти маоши ҳадди ақал тайёр кунед.

Ҳангоми супурдани ҳуҷҷатҳо барои РВП ё ВНЖ беҳтар ва осонтар гирифтани маълумотнома дар бораи даромад ва нусха аз бонк аст. (*Наталья*).

Аввалан ба навбатҳои тӯлонӣ тайёр бояд буд, дар ҳама ҷо навбат аст ва гумон кардан, ки дар ҷои дигаре навбат камтар бошад, кори беҳуда аст. Бо одамон шинос шудан даркор аст, бо шиносҳо омадан даркор аст, робитаҳоро ёфтан зарур аст. Бояд хеле устувор, коркушо буд, агар дарро ба рӯятон банданд, боз ҳам кӯшиш кунед. Барои русзабонҳо ҳуҷҷате овардан зарур аст, ки хешовандони дараҷаи аввалашон дар Россия зиндагӣ карда буданд. Маҳз таваллуд нашудаанд, балки зиндагӣ кардаанд. Агар ин дар замони Россияи подшоҳӣ бошад маълумотномаи бойгонӣ даркор аст, ки кадом як

Иванов дар он замон дар деҳа зиндагӣ мекард, агар ин дар замони РСФСР бошад аз ЖЭК маълумотнома даркор аст, ки фалонӣ дар он замон дар фалон ҷо зиндагӣ мекард ва ин кофист, ки русзабон эътироф карда шавед. Ана, чунин қоидаи аҷоиб аст.

Пешакӣ аз шаҳрвандии кишвари худ даст кашидан лозим аст ва донистан даркор, ки ин раванд камаш ним сол, ё як сол тӯл мекашад. То омадан ба Россия бояд ҳамаи маълумотномаҳоро ҷамъ кард ва ба Россия омад, то ки раванд идома ёфтан гирад, то вақте ки Шумо мақоми русзабониятонро тасдиқ мекунед, даст кашидан аз шаҳрвандӣ ҳам тайёр мешавад. Дар ин ҷо ба воситаи консулгарӣ ин кор хеле қимат ва тӯлонӣ мешавад.

Агар ба қонуншиканӣ дучор шудед, натарсида шикоят нависед.

Дар суҳбат ҳамаи сарчашмаҳои даромади худро, ки исбот карда метавонед, муфассал нақл кунед. Ҳар бор ҳама чиро тафтиш кунед ва ҳама вақт аз чанд нозир пурсед, ҳатто яке аз онҳо чизе гуфта бошад ҳам, шарт нест, ки дуруст бошад. Дар ин ҷо ҳама чиро тафтиш кардан, маслиҳат пурсидан, махсусан, аз шахсоне, ки дар қабулгоҳ менишинанд ва таҷрибаи кофӣ доранд, аз дигарон бештар медонанд, лозим аст.

Баъд як мушкил пайдо шуд вақте ки ба қайди муҳоҷират мегузоштам:ман иҷозат ба истиқомат ҳамчун шахси бешаҳрвандӣ гирифтам, ба ман гуфтанд, ки метавонед дар ин ҷо аз қайд гузаред, ё

метавонед ба воситаи почта ин корро анҷом диҳед. Маълум шуд, ки маҳз дар хадамоти муҳоҷират, дар паси мизи онҳо ба қайд гузоштан зарур будааст. Маро лозим омад, ки то бинои асосӣ тохта равам, маро ҷарима карданд ва баъд ҳуҷҷатҳоямро доданд. Ҳама чизро мутлақо ҳама чизро тафтиш кардан, аз ҳамаи нозирон пурсидан, ки ин дуруст аст ё нодуруст лозим мебошад. (*Марина Бусыгина*).

***Шарҳи коршиносон***

*Аз хизмати миёнравон барои тайёр кардани иҷозати истиқомати муваққатӣ ё шаҳрвандӣ истифода набаред – Шумо метавонед мустақиман ба Управление по вопросам миграции муроҷиат кунед. Бодиққат бошед – дар шаҳрҳои азим, Москва ва Санкт-Петербург Шумо ба навбатҳои калон ва мушкилоти зиёд ҳангоми гирифтани иҷозати истиқомати доимӣ дучор меоед: шаҳрвандии Россияро дар минтақаҳои дигар гирифтан осонтар аст. Никоҳҳои қалбакӣ набандед ва пора надиҳед – ин фактҳо ҳангоми аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ошкор мешаванд ва шаҳрвандии Шумо аз эътибор соқит дониста мешавад.*

*РВП ба шаҳрванди хориҷӣ ҳуқуқ медиҳад, доимӣ ва бе сафари дубора кардан то анҷоми муҳлати он дар ҳудуди ФР истиқомат, расман бе патент кор кунад, озодона дар ҳудуди ФР гардад ва барои соҳиби иҷозати истиқомати доимӣ шудан ариза диҳад ва баъдан шаҳрвандии ФР-ро соҳиб шавад.*

*Квота барои додани иҷозати истиқомати муваққатӣ дар минтақаҳои сераҳолии ФР, махсусан, дар Москва ва Санкт-Петербург хеле кам, аммо дар минтақаҳо ва вилоятҳои камаҳолӣ хеле зиёд аст.*

*Маълумоти муфассалро дар бораи тартиби додани ариза барои гирифтани РВП ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ, намунаҳои ариза ва огоҳиномаҳо аз сурогаи зерин хондан ва гирифтан мумкин аст: https://гувм.мвд.рф/gosuslugi/item/12896/*

*Агар Шумо ба Россия кӯчида омада, шаҳрвандии Россияро гирифтан хоҳед ва решаҳои россиягӣ дошта бошед, Шумо ва аъзои оилаи Шумо аз Барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон истифода бурда метавонанд. Иштирок дар ин барнома дар муҳлати 6 моҳ соҳиби шаҳрвандии Россия шуданро дар назар дорад. Муфассалан дар бораи барномаи давлатӣ, минтақаҳои ФР, шартҳои муҳоҷират ва гирифтани ёрии давлатӣ маълумот гиред: www.aiss.gov.ru – Портал «Соотечественники»: сайт государственной программы переселения соотечественников в РФ.*

# Гуногун

Ҳамаи маҳсулот ва адвиёт барои пухтани хурокҳои миллии моро дар ин ҷо харидан осон аст. Ҳар панҷ рӯз нон мепазам, албатта, на дар танӯр, балки дар тафдон. Дар Петербург қаҳвахонаҳои ӯзбекӣ бо таомҳои болаззат бисёр мебошанд, ки дар ин ҷойҳо менишинем ва суҳбат мекунем. (*Фотима Зарипова*).

Дар ҷомеаи имрӯзаи Россия дар бораи вазифаҳои занон дар оила муносибатҳои гуногун ба назар мерасанд. Баъзе занони рус мегӯянд, ки зан ҳоло баробари мард кор мекунад ва бинобар ин корҳои хона ҳам бояд баробар тақсим шаванд. Дар мо бошад ҳамон тартиботе, ки дар ватан буд, ҳукмрон аст, зан пурра ба корҳои хона ва нигоҳубини фарзандон машғул аст, хӯрок мепазад, хона мерӯбад, либос мешӯяд, харид мекунад.

Дар ин ҷо ҷавонзанон ба намуди зоҳирии худ, ба либос бештар диққат медиҳанд, ба варзиш машғул мешаванд. (Айгул).

Агар кобед, аз одамони соҳибтаҷриба пурсед, ҳамеша мағозаю бозорҳои маҳсулоташон арзонро ёфтан мумкин аст. Барои хариди либосу пойафзол ҳам чунин аст. Дар бораи маҳсулоти хӯрок ҳам: дар як ҷо гӯшти арзон, дар дигар ҷо орд, дар як ҷо меваю сабзавоти арзон ёфтан мумкин аст, ҳамаи онҳо дар ҷойҳои гуногун буда метавонанд. Аммо мо инро ба туфайли худиҳо осон пайдо мекунем. На ҳамеша, агар соатҳои зиёде ба кор машғул бошӣ ва бе рӯзи истироҳат кор кунӣ, ин кор муяссар мешавад. Дигар на қувва мемонаду на вақт. Агар дар ин ҷо сариштакорӣ накунӣ ва аз ҳар мағозаи пешомада харид кунӣ, пул ҷамъ карда ба хона фиристода наметавонӣ. Камаш моҳе чил ҳазор рубл ёфтан даркор, то ки дар ин ҷо рӯз гузаронӣ ва ба хона ҳам фиристонӣ. Агар камтар

ёбӣ, маълум мешавад, ки фақат барои зиндагӣ дар ин ҷо кор кардаӣ. (*Жазгул*).

Дар ин ҷо, агар зан бо ҳиҷоб ва либоси пӯшида гардад, бо муносибати нохуб ва шубҳанок дучор шудан мумкин аст, хусусан, агар мардум бо урфу одати мусулмонӣ шинос набошанд. Дар Петербург чунинҳо каманд, барои ҳамин ҳиҷоб ғайримаъмулӣ менамояд.

Дар мағозаҳои маъмулӣ барои занони мусулмон либоси мазҳабӣ ёфтан намешавад, барои ин мағозаҳои махсус мавҷуданд, ки онҳоро аз интернет ва сайти ВКонтакте пайдо кардан мумкин аст. (*Замира*).

Дар ин ҷо либос ва пойафзол нисбати ҷойҳои мо, ҳатто дар бозор қиматтар аст. Бисёрашро аз хона овардан даркор аст. ҳарчанд номаш бозор бошад ҳам, борҳояш аз мағоза арзонтар нестанд. Дар марказҳои савдо ва мағозаҳои шабакавӣ дар охирҳои мавсим арзонфурӯшӣ мекунанд, ки аз он ҷо арзонтар харид метавон кард. Либоси бачагона ва умуман ҳама моли бачагона тамоман қимат аст, агар бачаҳоро ҳамроҳи худ баред, хеле боэҳтиёт бошед. Инчунин бачаҳо ҳамаи инро, махсусан, агар аз деҳот ё шаҳрҳои хурд омада бошанд, мебинанд ва ҳавасашон меояд. Ҳама чизро харидан мехоҳанд, махсусан, агар чунин чизҳоро бачаҳои ҳамсоя, ҳамсинфон дошта бошанд, бачаи Шумо ҳам мехоҳад

ва Шумо ҳам намехоҳед, ки аз дигарон кам бошад, ҳарчанд чизи аблаҳона ва нодаркор аст, мехаред, ки зуд дар дилаш мезанад ва ба кунҷе ҳавояш медиҳанд. Аммо ҳама чунин мекунанд, ҳама мехаранд, яъне, зарур будааст. Дар шаҳри калон чунин мешавад. Бинобар ин агар мақсади шумо пул ҷамъ кардан бошад, донед, ки бо бачаҳо ин кор душвор мешавад. (*Шаҳноза*).

Петербург — шаҳри азим аст ва албатта, ҳама чиз дар ин ҷо назар ба ватани ман қиматтар аст, ман барои хӯрокворӣ пули зиёде харҷ мекунам. Дар ин ҷо маҳсулоти табиӣ камёфт аст. Агар ту аз деҳа ё шаҳрак омада бошӣ ва ба меваю сабзавоти бе химикат, ширу ҷурғоту гӯшти ҳаққонӣ одат карда бошӣ, дар ин ҷо чунин маҳсулот камчин ва хеле қимат аст. Вақте ки дар вилояти Ленинград кор кунам, аз хоҷагиҳои деҳқонии он ҷо маҳсулоти тару тоза мехарам. (*Ирина*).

Як чизи хеле одиро маслиҳат доданиям, ки худам аз таҷриба ҳосил кардаам. Дар ин ҷо, дар Петербурге иқлими сарди шимолӣ ҳукмрон аст, хунуктар аз он, ки дар тасаввурат буд. Ҳатто дар тирамоҳ хеле хунук мешавад ва дар моҳи май барф бориданаш мумкин. Зимистон умуман -30 дараҷа мешавад. Бинобар ин либоси гарм биёред ё пул барои харидан дошта бошед. (*Ситора*).

**Более подробные советы, информацию**
**о законодательстве и полезные ссылки**
**Вы можете найти на сайте**
**www.migrussia.ru**

**Бесплатные консультации**
**по правовым вопросам можно получить**
**в БФ «ПСП-фонд»**
**Тел.: +7 (812) 337-57-85, +7 953 141-31-09**

**Помощь детям трудовых мигрантов**
**в изучении русского языка,**
**устройстве в школу можно получить**
**в СПб РОО «Дети Петербурга»**
**Тел.: 8 911 773-77-87**

Мигрантки советуют мигранткам
Полезные советы о жизни в России
(на таджикском языке)

Подготовка публикации:
БФ «ПСП-фонд»

Составитель: Ефимова О.Б.

Редактор: Панич Б.Л.

Контакты:
БФ «ПСП-фонд»
(бесплатная консультационная помощь мигрантам,
членам их семей и работающим с ними специалистам)
Телефон: +7 (812) 337-57-85
Электронная почта: bp@psp-f.org
Сайты: www.psp-f.org, www.migrussia.ru

Подписано в печать:
Тираж 500 экз. Заказ №
Отпечатано в типографии “L-PRINT”
192007, Санкт-Петербург,
Лиговский пр., 201, лит. А, пом. 3Н

Публикация подготовлена в рамках проекта
«Социальная интеграция женщин и детей мигрантов», реализуемого при поддержке Совета Министров Северных стран.
Совет Министров Северных стран не несет ответственности за содержание публикации.